**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)**

# Т А Қ Р И З

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебониссо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Ташаккули муносибатҳои бозории иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешрафти ислоҳоти демократӣ дар шаффофият ва мукаммалсозии системаи идоракунии иқтисодиёти Тоҷикистонро бидуни сармоягузории калони берунӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Яке аз омилҳои ба бозори Тоҷикистон ворид гардидани сармоягузор мавҷуд будани шароити ҳалли баҳсҳои берунаи хориҷӣ дар сурати ба миён омадани онҳо, ки ҳалли боихтисоси онҳоро талаб менамояд, мебошад. Ба туфайли беғаразӣ, фаврӣ ва басарфагии ҳалли баҳсҳо, арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар байни субъектони байналхалқии гардиши мол ва хизматрасонӣ эътирофи зиёдро пайдо менамояд.

Созишномаи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Маҳз муқаррароти созишномаи арбитражӣ пешниҳоди баҳсҳоро ба арбитраж, ҳудуди амали арбитрҳо, ҳамчунин шартҳоеро, ки ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи олимонро дар солҳои охир таҳқиқи институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ҷалб кардааст. Сарфи назар аз гуногунии нашрияҳои илмӣ, монографияҳо ва тадқиқотҳо, ин мавзуъ мубрам ва муҳим боқӣ мемонад.

Диссертант қайд менамояд, ки то ҳол оид ба масъалаҳои доираи созишномаи арбитражӣ ҳангоми баррасии баҳс дар арбитраж, шартҳо ва унсурҳои ҳатмии он чи аз ҷиҳати назариявӣ дар байни олимон ва чи дар амалия дар байни мутахассисон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ин ҳолат ба фаъолияти институти арбитраж ва такмил додани ин соҳа таъсири манфӣ мерасонад. Тағйиру иловаҳо ба Қонуни ЮНСИТРАЛ соли 2006 низ дар бораи ҷанбаҳои муҳимми созишномаи арбитражӣ тавзеҳи кофӣ надоданд, баръакс, дар баъзе мавридҳо мушкилоти бастани созишномаи арбитражӣ ва ҳадди татбиқи онро шадидтар карданд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳадди татбиқи созишномаи арбитражӣ, шарту муқаррароти он номутобиқатӣ ва норавшаниҳо ҷой доранд, ки омӯзиши минбаъдаи таҳқиқот ва такмили онҳоро тақозо менамояд. Мушкилоти ҳуқуқии зикргардида ва татбиқи амалии институти созишномаи арбитражӣ, аҳаммияти ин мавзуъро пешакӣ муайян карданд.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф пайдарҳамии масъаларо риоя намуда, мантиқан саволгузорӣ намудааст. Ҳамзамон, асарҳои олимони ҳам соҳаи ҳуқуқ ва дигар соҳаҳоро ба таври васеъ истифода намудааст.

Дар кори пешниҳодгардида ақидаҳои ҷолиб дида мешавад, ки шаҳодат аз он менамояд, ки муаллиф зимни таҳия намудани рисола аз усулҳои методологии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ забонӣ ба таври дахлдор истифода намудааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди

илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло дар автореферати мазкур баъзе ҳолатҳои баҳснок дида мешавад.

Дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф ба стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Новобаста аз он ки дар кори мазкур баъзе камбудиҳо ва нуқтаҳои баҳсӣ ҷой доранд, вай дар доираи талаботҳои мавҷуда омода гардидааст. Мавзуи интихобгардида ба таври дахлдор таҳлил гардидааст, хулосаҳои муаллифӣ ва пешниҳодҳои илмӣ дар он дида мешавад. Аз ин лиҳоз, метавон таҳқиқоти анҷомдодаро кори ба итмомрасонидашуда, ҳисоб намуд. Муаллифи диссертатсия таҳқиқотро дар доираи ихтисосҳои роиҷи илми ҳуқуқшиносӣ ба анҷом расонидааст.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқӣ оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии**
**Маркази миллии қонунгузории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Каримзода Р.М.**

08.04.2024

**Имзои Каримзода Р.М. тасдиқ менамоям.**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузорӣ** **Фаттоев М.**

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ КАДРҲО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13,
Тел: (+99237) 227-45-00, Факс: 227-63-64. info@mmk.tj